**Тақриз**
**ба автореферати Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзуи «Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «Резервати биосферии Ромит» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география)**

Мавзуи диссертатсионии Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад аз ҷиҳати мазмун ва моҳият актуалӣ ҳисобида мешавад. Пас аз он, ки аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ экотуризм ҳамчун “*Рушди устувор*” эътироф гардид (Саммити умумиҷаҳонӣ, Йоханнесбург, сентябр 2002) ва он яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ ба ҳисоб меравад, зеро ҳадафи асосии ин намуди фаъолияти сайёҳӣ истифодаи устувори захираҳои табиӣ мебошад. Дар кишварҳои ИМА, Австралия ва Кения ба экотуризм дар ҳудуди паркҳои миллӣ ва дигар объектҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба истифодабарии табиат ва ташаккули рушди устувор диққати махсус зоҳир намуда, нақши муҳимми сайёҳии экологиро дар таъмини тарбияи экологӣ ва маърифати экологии аҳолӣ, ҳамчун як соҳаи бонуфуз дарк намуда, имконияти воридшавии шумораи зиёди сайёҳонро таъмин менамояд.

Дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст, ки туризм бояд дар рушди устувори иқтисодиёт тавассути пешниҳоди маблағгузории иловагӣ барои амалӣ шудани барномаҳои ҳифз ва барқарорсозии объектҳои фарҳангӣ, мероси таърихӣ ва табиӣ, барномаҳои экологӣ, саҳми назаррас гузорад.

Мавзуи интихобнамудаи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад аз лиҳози хусусиятҳои худ ҷавобгӯ ба талаботи “Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” мебошад, зеро объекти таҳқиқоти диссертант - ин омӯзиши имкониятҳои табиӣ-захиравӣ ва

фарҳангӣ-таърихии «Резервати биосферии Ромит», ҳамчун асос барои рушди туризми экологӣ маҳсуб меёбад.

Барои амалӣ намудани ин раванд Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад имкониятҳои рушди туризми экологиро дар ҳудуди «Резервати биосферии Ромит» мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст. Инчунин, муайян намудани ҷанбаҳои таъсири мусбати онро ҳамчун таҷрибаи иҷтимоии экологӣ дар ҳудуди резерват тавассути механизми идоракунии фаъолияти сайёҳии экологӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокӣ муайян намудааст.

Дар таҳияи диссертатсия муаллиф усулҳои умумӣ-илмӣ, махсуси географӣ, географӣ-муқоисавӣ, мушоҳидаҳои экспедитсионӣ-саҳроӣ, таҳлил ва синтез, ҷамъбастӣ ва муносибати низомӣ-сохторӣ истифода намудааст, ки ин сифати корро боз ҳам баланд менамояд.

Ҳолатҳои методологии таҳқиқот ба комёбиҳои соҳаҳои географияи иқтисодӣ ва рекреатсионӣ, инчунин корҳои илмӣ оид ба масъалаҳои туризми экологӣ ва географияи рекреатсионии минтақавӣ асос ёфтаанд.

Диссертатсияи пешниҳодшудаи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад фарогири як қатор навгониҳои илмие мебошад, ки онҳо қиммати диссертатсияро боз ҳам баланд менамоянд.

Аз ҷумла:

- Дар рисола бори аввал тавсифи шароитҳои табиӣ-геоэкологӣ ва иқтидори захиравии *«Резервати биосферии Ромит»* таҳқиқ гардида, баҳодиҳӣ ба он ҳамчун сарчашмаи рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ нишон дода шудааст.
- Механизми баланд бардоштани самаранокии иқтидори захиравии резервати биосферӣ ва модели пурраю мусоиди рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ барои ворид намудан ба ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* таҳия гардидааст.
- Мушкилоти асосии соҳа муайян гардида, афзалиятҳои рушди босуботи фаъолияти сайёҳии экологӣ бо назардошти хусусиятҳои хосашон асоснок карда шуданд.

Дар маҷмуъ кори таҳқиқотии пешниҳодшуда хусусияти мантиқӣ дошта, муаллиф ба қадри кофӣ адабиёти илмиро истифода намудааст (173 номгӯй). Таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда имконият медиҳанд, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

Муаллифи дар рушди ғояҳои илмӣ ташкили фазои *туризми экологӣ* дар сатҳи миллӣ дар ҳудудҳои ҳифзшавандаи Тоҷикистон корҳои зиёде анҷом дода, дар ташкил ва рушди самараноки туризми экологӣ дар ҳудуди «Резервати биосферии Ромит» саҳми назаррас гузоштааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои дигари илмӣ ба нашр расиданд.

Ҳамин тариқ, рисолаи пешниҳоднамудаи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзуи «Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди Резервати биосферии Ромит» **ба** талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, мавсуф барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география), сазовор дониста шавад.

Муаллими калони кафедраи
географияи табиии ДДОТ
ба номи С.Айнӣ, н.и.г. Раҳимов С.А.

Имзои Раҳимов С.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Адрес:, 734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121
Телефон: +992(37) 224-13-83
www: www.tgpu.tj
E-mail: info@tgpu.tj
24.07.2025